**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Ёрбекова Заррина Мардонқуловна дар мавзуи «Таҳлили муқоисавӣ-таърихии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Ёрбекова Заррина Мардонқуловна ба таҳқиқи яке аз масъалаҳои муҳимми илми адабиётшиносӣ бахшида шуда, таҳлилҳои муқоисавӣ-таърихии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспирро дар бар мегирад. Ҳофизи Шерозӣ ва Вилям Шекспир, ки аз шоирони намоёни давраи дурахшони илм, фарҳанг ва адабиёти асримиёнагии Шарқу Ғарб маҳсуб мешаванд, дар тамаддуни башар сутуни устуворро гузоштаанд.

Муҳтавои диссертатсияи Ёрбекова Заррина Мардонқуловна бо номи мавзуъ ва шиносномаи ихтисоси 6.2.15 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ комилан мувофиқат мекунад.

Ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир аз мавзуъҳои ҷиддии илмӣ буда, ғояҳои баланди инсондӯстӣ ва башардӯстиро дороанд. Ҳарчанд миёни ин ду халқи ҷаҳон фарҳангу маданияти ягона вуҷуд надорад, аммо осори намояндагони адабиёти онҳо бо доштани мазмун ва моҳияти башарӣ муштаракоти зиёд дорад. Таҳқиқи умумият ва муштаракот дар ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир имкон фароҳам меоварад, ки равобити адабӣ ба дурустӣ муайян шавад. Ёрбекова Заррина Мардонқуловна бо такя ба сарчашмаҳои илмӣ, таърихӣ ва адабӣ умумияти зиёдро равшан намудааст.

Омӯзиши муқоисавии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир нишон медиҳад, ки пайдоиши (генезиси) равобити фарҳангӣ-адабӣ дар адабиёти халқҳои ҷаҳон таҳаввулоти гуногунро ба

вуҷуд оварда, дар адабиётшиносии муосир масъалаҳои муҳимми илмиро ворид намуда, вижагиҳои таъсирпазирии адабиёти халқҳои гуногун ва намояндагони алоҳидаи онро нишон медиҳанд.

Муҳаққиқон ва адабиётшиносон таҳлили муқоисавӣ-таърихии осори шоирону нависандагони адабиёти ҷаҳонро меҳвари асосии робитаи адабӣ донистаанд. Барои дуруст омӯхтани мақому манзалати Ҳофизи Шерозӣ ва Вилям Шекспир, фаъолияти эҷодии онҳо дар ҳавзаҳои гуногуни адабӣ ва муқоисаи ғазал ва сонет (ғазалгуна)-и онҳо бояд ба сарчашмаҳои адабиву таърихӣ пардохт. Ғазал ва сонет баёнгари фарҳанг ва адабиёт буда, зуҳуроти таърихӣ, урфу одат, рафтору кирдор ва маънавиёти башарро ошкор месозад.

Ҳофизи Шерозӣ ва Вилям Шекспир дар осори худ, хосса дар ғазалиёт ва сонетҳо ишқу муҳаббат, тамҳиду тавҳиди Худованд ва ҳаводиси ҳақиқиро тараннум намудаанд. Сохт ва таркиби чи ғазал ва чи сонет дар пажуҳиши муаллиф мавриди таваҷҷуҳ ва омӯзиши ҷиддӣ қарор гирифтааст.

Умумият ва муштаракоти маъноии ғазалу сонетҳо бар он далел аст, ки Вилям Шекспир тавонистааст, зиёда аз дусад сол пас аз Ҳофизи Шерозӣ баҳра бардорад. Бо далелҳои фавқ метавонем гуфт, ки дар сонетҳо мазмуну муҳтаво ба мисли ғазал бо низом ва тартиб омадааст.

Натиҷагирӣ ва хулосаҳои муаллифи диссертатсия бо далелҳо асоснок буда, мушаххасбаёнӣ дар диссертатсия пешниҳодшударо комилан дуруст ифода менамояд. Нововарии таҳқиқоти Ёрбекова Заррина Мардонкуловна дар он зоҳир мегардад, ки дар адабиётшиносии тоҷик бори аввал муштаракоти ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир ва таҳлили равобити минбаъда миёни Тоҷикистону Британиёи Кабир таҳқиқ шудааст.

Пажуҳиш дар заминаи ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир ҳамчун як таҳқиқоти тозаи илмиро ба вуҷуд овард. Маҳз ҷиҳатҳои таҳқиқоти башариву байналмилалӣ боиси ба даст овардани

пажуҳишҳои азим гардида, самти робитаи фарҳангиву адабиро ҳамчун самти алоҳидаи адабиётшиносии муосир барои имрӯз ва фардо меомӯзад.

Дар ҷараёни таълифи диссертатсия мушаххас гардид, ки унвонҷӯ хусусиятҳои сохтору муҳтавои матни бадеӣ, таҳқиқи адабӣ ва истифодаи дурусти сарчашмаҳои гуногун дар забони асл ва хулосаҳои шахсиро дар сатҳи баланди илмиву касбӣ анҷом додааст. Баррасии мавзуъ ва нуктаҳои илмии ба дифоъ пешниҳодгардида, мушаххасбаёниву мазмунофаринӣ ва лаёқати дарки унвонҷӯро нишон медиҳад. Таҳлил ва пажуҳишҳои дар диссертатсия барои дифоъ пешниҳодшаванда аз нигоҳи илмӣ муҳим ва арзишманд мебошад. Унвонҷӯ дар ҷараёни баррасии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир маъхазҳои зиёди назарӣ ва корбурдиро аз назар гузаронида, дар натиҷаи таҳлили муқоисавӣ-таърихӣ ҷанбаҳои зиёди илмиро нишон медиҳад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боби дорои фаслҳои ҷудогона, рӯйхати адабиёт ва замима иборат буда, андоза, мундариҷа ва сохтори он ба талаботи диссертатсияҳои илмӣ ҷавобгӯ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда, мустақил ифода шудани нуктаи назари ӯ ва маърузаҳояш дар конференсияҳо таъйид мекунанд.

Хулоса, диссертатсияи Ёрбекова З.М. кори илмии баитмомрасидаи дорои аҳаммияти назарию амалӣ ва таҳлили муқоисавӣ-таърихие меҳисобем, ки дар сатҳи хуби илмию таҳқиқотӣ таълиф шудааст. Аз ин рӯ, диссертатсияи Ёрбекова З.М. дар мавзуи «Таҳлили муқоисавӣ-таърихии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз

рӯйи ихтисоси 6.2.15 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ комилан ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи забонҳои хориҷии Академияи
идоракунии давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Шозиёева Гулмо Парвонашоевна

Имзои Г.П. Шозиёеваро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Насурдинзода Аслиддин Насурдин

Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33,
Телефон: (+992) 935-47-78-93
E-mail: gulmoh@mail.ru

16.01.2026